**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043 назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3)**

## ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Завқизода Солеҳ Амин дар мавзуи «Интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмхои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.11 – фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ.**

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Натиҷаи омӯзиш ва таҳлили диссертатсия нишон дод, ки муаллиф Завқизода С.А. дар шароити кунунии рушди босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ - «Интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ-амалӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ»-ро ҳамчун мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намуда, таҳқиқоти мукаммал ва фарогири илмиро анҷом додааст. Масъалаи омода кардани кадрҳои арзандаи мақомоти судӣ дар ҳама марҳилаҳои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи ҳамешагии роҳбарияти давлат ва дигар сохторҳои масъул қарор дошт. Бояд эътироф намуд, ки маҳз бо шарофати истиқлолияти давлатӣ рушду пешрафти ҳокимияти судӣ ва низоми омода кардани судяҳо сатҳу сифати навро касб намуд. Мубрамии мавзуъ аз муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки он ба уҳдаи судя амалӣ намудани адолати судиро аз номи давлат вогузор намудааст. Иҷрои ин вазифаи муҳим пеш аз ҳама ба таъмини ҳуқуқ ва озодии инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо ва қонунияту адолат алоқамандӣ дорад. Маҳз ҳамин вазифаи муҳим тақозо менамояд, ки роҳҳои ба талаботи замони муъосир мувофиқи интихоб, тайёр намудан

ва такмили ихтисоси судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ ва пайдо карда шавад.

Ҷанбаи дигари мубрам будани мавзуи пешниҳодшуда дар он аст, ки он фарогири масъалаҳо дар 30 соли даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, то ҳол аз ҷониби олимони ватанӣ кор карда нашудааст. Маҳз ҳамин ҳолатҳо ҳамчун заминаҳои эътимоднок ҳисобида шуда, ба диссертант Завқизода Солеҳ Амин имкон додааст, ки мавзуъро ҳамаҷониба таҳқиқ намуда, ба таҷрибаи амалӣ ва қонунгузорӣ пешниҳодҳои мушаххас намояд. Аз ҷумла, оид ба самти фаъолият мафҳумҳои зиёд ва талаботҳо нисбат ба интихоб, тайёр намудан, баланд бардоштани савияи дониши судя ва талаботи меъёрҳои ахлоқӣ пешниҳод карда шудааст, ки ин ҳама шаҳодати аз уҳдаи таҳқиқи пурраи мавзуъ баромадани дисертант мебошад.

Мубрамии дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки масъалаҳои мавзуъро фарогиранда ба монанди таҳлили дараҷаи ташаккул ёфтани механизмҳои назариявию амалӣ, ташкилӣ-ҳуқуқии интихоб ва тайёр намудани судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя, такмили ихтисоси муттасили судяҳо ва талаботи умумии меъёрҳои этикаи касбӣ, умумият ё тафовут доштани ин механизмҳо бо таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои таҳқиқшаванда ва байналмилалӣ ва дар ин замина пешниҳодҳои ба талаботи ҷомеаи муъосир ҷавобгӯйи интихоб, тайёр намудан, консепсияи таълими муттасил ва такмили ихтисоси судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя ба баланд гардидани мақоми судя ва суд мусоидат менамояд. Дар ин ҷода низ диссертант Завқизода Солеҳ Амин муваффақ шудааст.

Аз ҷониби дигар мустақилият ва беғаразии судро танҳо судяе таъмин карда метавонад, ки аз рӯйи принсипҳои беғаразӣ, шаффофӣ, ахлоқӣ, тайёрии амиқи касбӣ, ҷаҳонбинии васеъ, таҷрибаи ҳаётидошта ва ғайра интихоб ва таъин шуда бошад. Чунин талаботҳо ва амсоли инҳоро дар асоси омӯзиши санадҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ бояд дар низоми ҳуқуқии миллӣ ҳамчун талабот

нисбат ба судя, номзад ба вазифаи судя, коромӯз-судя, раванди ташкили таълими муттасил ва такмили ихтисоси судяҳо ва этикаи касбии судя ҷой дода шаванд (саҳ. 6). Дар ин замина мубрамии дигари мавзуи таҳқиқшаванда аз он сарчашма мегирад.

Мавзуи интихобнамуда мураккаб бошад ҳам, ба муаллиф муяссар гаштааст, ки ҷабҳаҳои мухталифи масъалаҳои интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо, инчунин талаботи меъёрҳои ахлоқиро нисбати судя, коромӯз-судя ва номзадҳо ба вазифаи судя дар муқоиса бо меъёрҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар бар гирифтааст ва вобаста ба ҳар як ҳолат тафсир, мафҳум ва пешниҳо аз ҷониби муаллиф манзур мегардад.

Аз таҳқиқ, таҳлил ва пешниҳодҳои рисола бармеояд, ки муаллиф бинобар фаъолияти касбию хидматияш дар амалия бо мавзӯи мазкур хуб ошно аст ва аз масъалаҳои соҳа хабардор аст. Ҳамин иртиботи бевоситаи муаллиф бо амалия сабаб гаштааст, ки ӯ паҳлуҳои ҳалталаби мавзуъро дар муқоиса бо таҷрибаи байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ таҳқиқу таҳлил намуда барои самаранок гаштани фаъолияти соҳа ва такмили қонунгузорӣ таклифу пешниҳодҳои мушаххас намояд.

Дисертатсияи пешниҳодшуда аз муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқот, руйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, онҳо тибқи талаботи амалкунанда таҳия шуда, пайдарпайии мантиқӣ дар таҳқиқ риоя гардида, рисола ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда ҷавобгӯ мебошад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот ва заминаҳои эмпирикӣ мутобиқ ба талаботи рисолаҳои илмӣ**. Дар ҷараёни таҳқиқот усулҳои умумӣ ва махсуси таҳқиқоти илмӣ ба монанди таърихӣ-ҳуқуқӣ, таҳлил ва синтез, сотсиологӣ ва оморӣ дуруст, вобаста ба зарурат ва дар ҷойу мавқеи худ истифода шудаанд.

Аз ҷониби муаллиф истифода шудани усулҳои муқоисавии ҳуқуқӣ, назариявӣ, амалӣ ва ташкилии асосҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ,

байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ ба омӯзиш ва таҳқиқоти ҳамаҷониба, пурра ва воқеъбинонаи масъалаҳои дар рисола пешбинишуда мусоидат намуда, ба даврабандии таърихӣ, гурӯҳбандии шаклҳои таълим, ҷадвали муқоисавии ҳуқуқӣ, таҳлили омории коромӯз-судяҳо, меъёри синну солии онҳо, талаботи меъёрҳои ахлоқии судя ва кормандони дастгоҳи судҳо ва ғайра асос гардиданд ва ҳамаи ин ҳамчун ҷанбаҳои мусбати ин таҳқиқот арзёбӣ мегардад.

Асоснокии пешниҳодҳо ва тавсияҳои диссертатсия бо таҳлилҳои ҳаматарафаи сарчашмаҳои ҳуқуқии миллӣ, байналмилалӣ, таҷрибаи давладҳои хориҷӣ ва амалияи судӣ тасдиқи худро ёфтааст.

Далелҳо ва мазмуну муҳтавои диссертатсия баёнгари он аст, ки сарчашмаҳои таърихию ҳуқуқӣ, ақидаҳои олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, тачрибаи пешқадами давлатҳои ҳориҷӣ дар кор инъикос ёфта, шаҳодати онанд, ки муаллиф аз асосҳои методологии таҳқиқот дуруст истифода намудааст. Таҳлили ҳамаҷониба ва васеи мавзуъ натиҷаи таҳқиқотро пурарзиш гардонидааст.

**Дараҷаи натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳои назарӣ ва амалии дар рисола пешниҳодгардида дар низоми илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи ҳуқуқӣ мантиқӣ ва асоснок арзёбӣ мегардад, чунки масъалаҳои мавзуъро дар асоси таҷрибаи ватанӣ, байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ бо такя ба далелҳои воқеӣ ва амалияи судӣ аз нигоҳи муқоисаи ҳуқуқӣ, оморӣ сотсиологӣ таҳқиқ намудааст. Муаллиф дар асоси омӯзиш, таҳқиқоти мукаммал, мақсаднок ва бонизом ташаккул ва рушди асосҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа ва таълими судяҳоро даврабандӣ намуда, мафҳумҳои таълими ибтидоии касбӣ, таълими касбии то судягӣ, таълим дар ҷойи кор, такмили ихтисос, таълими иловагӣ, номзадҳои ба вазифаи судя пешниҳодшавандае, ки дар вазифаи судя фаъолият мекунанд, номзад ба вазифаи судя, коромӯз-судя, номзадҳои бори аввал ба вазифаи

судя пешбаришаванда, шакл ва намудҳои таълим, сохтор ва принсипҳои фаъолияти муассисаҳои таълимии судяҳо, нақши меъёрҳои ахлоқии судя дар раванди интихоб, таълим ва фаъолияти касбии судя ва дигар масъалаҳоро пешниҳод кардааст, ки онҳо ба такмили қонунгузории миллӣ ва ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта мусоидат намуда, холигиҳои дар қонунгузорӣ ҷойдоштаро аз миён мебардоранд.

**Навгонии илмии таҳқиқот ва аҳамияти назариявию амалии он.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки аввалин маротиба дар даврони истиқлолияти давлатӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ масъалаҳои назариявӣ, амалӣ ва ташкилию ҳуқуқии интихоб, тайёр намудан, ҷобаҷогузорӣ, таълими муттасил ва такмили ихтисоси судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судя, асосҳои назариявӣ ва заминаҳои ҳуқуқии этикаи касбии судя, мафҳум ва моҳияти онҳо, бо истифодаи усули таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ бо санадҳои байнал-милалӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ анҷом дода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ бебаҳс буда, дар заминаи адабиёти илмӣ, сарчашмаҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ, байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ исбот мегардад. Услуб ва роҳу равиши муҳаққиқ низ нисбат ба масъалаҳои ба ҳимоя гузошташуда хос буда, бо пешниҳоди мафҳум ва таклифҳо холигии дар қисмати қонунгузории соҳа ҷойдоштаро мукаммал намудааст.

Диссертант ҳангоми таҳқиқоти хеш аз методологияи даврабандии таърихии инкишоф ва рушди мавзуъ моҳирона истифода бурда, раванди интихоб ва такмили ихтисоси судяҳоро даврабандӣ намуда, хусусияти хоси онҳоро вобаста ба замон, макон ва тобеияти идоравӣ кушода додааст.

Муаллиф дар маҷмуъ вазифаҳои дар самти таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташударо бо нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра ҷамъбаст намуда, барои расидан ба ҳадафҳои мазкур аз таҷриба ва сарчашмаҳои миллӣ, байналмилалӣ, таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ ва ақидаю назарҳои олимони ватанию

хориҷӣ бамантиқ ва бамаврид истифода намудааст ва ин ҳама дар маҷмуъ навгонии усулӣ ва бунёдии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд.

Пешниҳоду таклифҳои назариявӣ, илмӣ, ташкилӣ ва амалии рисолаи мазкур бо ташкили курсҳои махсус дар барномаҳои таълимии ихтисоси ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва судяҳо метавон мавриди татбиқ қарор дода шаванд.

Гуфтаҳои мазкур аз аҳамияти пешниҳодҳои назариявӣ ва амалии диссертатсия шаҳодат дода, барои илми ҳуқуқшиносӣ ва таҷрибаи судии ватанӣ аҳамият дошта, ба такмили қонунгузории соҳавӣ заминаи мусоид муҳайё месозанд.

Муаллиф зимни таҳқиқоти хеш нуктаҳои илмии назариявӣ ва таввсияҳои амалии зеринро пешниҳод менамояд, ки онҳо аз нуқтаи назари мо ба рушди сифатии раванди интихоб, тайёр намудани судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя, такмили ихтисос ва талаботи ҷиддии меъёрҳои этикаи судя мусоидат менамоянд.

1. Исбот карда шудааст, ки масъалаҳои интихоб, тайёр намудан, таълим, такмили ихтисоси судяҳо ва номзадҳо ба вазифаи судя, талаботи меъёрҳои ахлоқӣ нисбати судя ва номзад ба вазифаи судя дар сиёсати дилхоҳ давлат аз ҷумла, дар ҷомеаи ҳуқуқбунёди Тоҷикистон мавқеи марказиро ишғол намуда, ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳим дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзёбӣ мегарданд. Онҳо вобаста ба хусусият ва низоми оилаҳои ҳуқуқӣ, шакли давлат-дорӣ, механизмҳои ҳуқуқӣ, хусусиятҳои миллӣ-фарҳангӣ ва иродаи сиёсии давлатҳо ба роҳ монда шудаанд. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи миллӣ, байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ механизмҳои дақиқ ва мукаммалгардидаи масъалаҳо бо таҳқиқи меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа бо хусусиятҳои ба худ хоси тафовут ва умумиятҳо дар самти мақомоти масъули интихоб ва таъинкунандаи су-дяҳо, собиқаи корӣ ва синну сол, шакл, хусусиятҳо ва усулҳои таълим ва такмили ихтисос, имтиҳони номзад ба вазифаи судя, талаботи ахлоқии судя ва

номзад ба вазифаи судя талаботи нисбатан ҷиддитар дар такмили қонунгузории миллӣ пешниҳод карда шудааст (саҳ.14).

2. Муҳим будани босифат ба амал баровардани адолати судӣ тақозо менамояд, ки усули таълими судяҳо, тайёр намудани коромӯз-судяҳо ва шаклҳои амалинамоии онҳо барои ҳалли масъалаҳои гуногунсоҳаи баррасишаванда мусоидат намоянд. Ҷустуҷӯ ва истифодаи шаклу усулҳои нави таълим бо истифода аз технологияи муосир ва интихоби мавзуъҳои баҳсталабу мушкили аз муносибатҳои мухталиф ва гуногунҷабҳаи ҷомеа бармеомада, имконият медиҳад, ки ба таълим ва такмили ихтисос мазмуни нав, равиши муттасилӣ ва самаранокӣ бахшида шавад. Ҳамин тариқ консепсияи таълими муттасил ва такми-ли ихтисоси судяҳо ва коромӯз-судяҳо бо тариқи интихоби мавзуъҳои мушаххаси назариявӣ, мурофиавӣ ва таҷрибаи судӣ, инчунин усули интерактивӣ бо истифода аз технологияи муосири рақамӣ коркард шуда, роҳандозӣ карда шавад. Дар асоси таҳлилҳои анҷомдода, муаллиф марҳилаҳои рушди такмили ихтисоси судяҳоро дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ба се давра ҷудо менамояд:

а) Давраи такмили ихтисоси судяҳо дар назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2003);

б) Давраи такмили ихтисоси судяҳо дар Маркази таълимии судяҳои назди Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2003-2016);

в) Давраи такмили ихтисоси судяҳо дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 2016 то ҳоло) (саҳ. 16).

3. Бо такя ба қонунгузорӣ ва амалияи судӣ муаллиф раванди таълими касбии судяҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намудҳои зерин ҷудо намуда, мафҳуми онҳоро низ пешниҳод намудааст:

- таълими ибтидоии касбӣ;
- таълими касбии то судягӣ (коромӯз-судя);
- таълим дар ҷойи кор;
- такмили ихтисос;

- таълими иловагӣ (саҳ.16-17; 189-190).

Дар заминаи таҳқиқоти илмӣ чунин тавсияҳои амалиро пешниҳод менамояд:

1. Пешниҳод карда мешавад, ки дар моддаи 108 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” мафҳуми коромӯз-судя дар таҳрири зайл илова карда шавад:

- “Коромӯз-судя шахсе мебошад, ки тибқи талаботи қонунгузорӣ баъди гузаштан аз озмуни ишғоли мансаби коромӯз-судя хулосаи мусбати Комиссияи имтиҳонотиро ноил гардида, дар муассисаи таълимии судяҳои назди Суди Олӣ ба тайёрии касбии яксола фаро гирифта мешавад ва ин муҳлат ба собиқаи кории касбии ӯ дохил мегардад” (саҳ. 195).

2. Дар қисми 2 моддаи 108 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” баъди калимаҳои “хизмати ҳарбии муҳлатнокро адо карда бошад” калимаҳои “ҳангоми пешниҳоди маълумоти тахассусии зинаи магистр бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ, маълумоти зинаи бакалаврро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дошта бошад” илова карда шавад (саҳ.196).

3. Бо назардошти он ки коромӯз-судя ҳамроҳи судяе, ки ба ӯ вобаста карда шудааст, дар мурофиаҳои судӣ иштирок мекунад ва зимни иштирок бо ҳолатҳое, ки хусусияти сирри давлатӣ ва оилавӣ доранд, шинос мешавад, бинобар ин дар моддаи 108 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” лоиҳаи матни савганди ӯ бо мазмуни зерин ҷой дода шавад: “Ман ҳамчун коромӯз-судя савганд ёд мекунам, ки сирри хидматӣ ва моҳияти парвандаҳои судиро нигоҳ медорам, муносибат ва ахлоқи ман холис ва беғараз хоҳад буд” (саҳ. 196).

4. Синну соли ба вазифаи судя интихоб ва таъин шудан аз 25 ба 30 сола ва собиқаи корӣ аз 3 ба 5 иваз карда шавад. Мақсад аз баланд бардоштани меъёри синну солӣ ба ҷомеаи судяҳо ҳамроҳ намудани

шахсиятҳои мукаммал, дорои таҷрибаи зиёди корӣ, дониши баланд, таҷрибаи ҳаёту зиндагӣ, тамкин, сабр, таҳаммулпазирӣ, ахлоқ ва одоби муошират мебошад.

Бинобар ин, дар қисми 2 моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" калимаҳои "синни ӯ аз 25 кам набошад ва ҳадди ақал 3 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад" ба калимаҳои "синни ӯ аз 30 кам набошад ва ҳадди ақал 5 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад" иваз карда шавад (саҳ.196-197).

5. Бо назардошти он ки дар амалия мунтазам судяҳои судҳои салоҳияташон умумӣ ба мансаби судяи судҳои салоҳияташон махсус ва ё баръакс интихоб ва таъин мегарданд, пешниҳод мешавад, ки судяҳои судҳои иқтисодӣ низ ба такмили ихтисос фаро гирифта шаванд, зеро дар қисми 6 моддаи 14 Қонуни конститутсионӣ "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар ду сол як маротиба ба такмили ихтисос фаро гирифтани судя ва дар қисми 2 моддаи 109 бошад ба такмили ихтисос фаро гирифтани судяҳои ҷумҳурӣ пешбинӣ гардидааст. Бо мақсади аз байн бурдани духурагӣ дар қонунгузорӣ пешниҳод мегар-дад, ки қисми 6 моддаи 14 Қонуни конститутсионӣ "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо калимаҳои зерин иваз карда шавад: "судяҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе дар ду сол як маротиба дар Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ ба такмили ихтисос фаро гирифта шуда, пас аз хатми он ба онҳо сертификати шакли муқарраргардида дода мешавад" илова карда шавад (саҳ. 197-198).

6. Ба моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" банди 5 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

- “Номзад ба вазифаи судя ва коромӯз-судя бояд сифатҳои баланди ахлоқӣ, эътибори кории бенуқсон дошта бошанд ва дар ин бора на камтар аз се тавсияи мусбат аз ҷониби роҳбарият ва ҳамкасбонаш пешниҳод намояд”.

- “Номзад ба вазифаи судя аз ташхиси тиббӣ гузашта, дар бораи надоштани бемориҳое, ки ба иҷрои уҳдадориҳои касбии судя монеъ мешаванд, аз ҷумла ташхиси ҳолати руҳӣ-психологӣ маълумотномаи ҳайати табибонро пешниҳод намояд” (саҳ.199).

7. Муассисаи таълимии судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зина ба зина то ба ниҳоди мустақил ва соҳибихтиёр табдил дода шавад. Дар ин замина бо назардошти асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти Маркази таълимии судяҳо (боби 10 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи судҳои ҶТ”), тавсияҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ бо мақсади мукаммал гардонидани низоми тайёрии номзад ба вазифаи судя ва ниҳоди коромӯз-судя, инчунин такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо мувофиқи мақсад аст, ки Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олӣ ба Академияи судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шавад.

Сохтори эҳтимолии Академияи судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад аз 31 мансаби хизмати давлатӣ, 10 нафар кормандони техникӣ, ҳайати мушовара, шуъбаҳои такмили ихтисоси судяҳо, кормандони дастгоҳи судҳо ва коромӯз-судяҳо, илмӣ-тадқиқотии таҷрибаи судӣ, робитаҳои байналмилалӣ, умумӣ, муҳосибот ва хоҷагидорӣ, ҳайати омӯзгорон ва кафедраҳои ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи иқтисодӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва мурофиавии онҳо иборат бошанд (саҳ. 190-192).

8. Бинобар хусусияти фарқкунанда ва хос доштани вазифа ва фаъолияти кормандони дастгоҳи судҳои ҷумҳурӣ пешниҳод мегардад, ки барои онҳо низ “Кодекси этикаи кормандони мақомоти судӣ” таҳия ва қабул карда шавад (саҳ 199).

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 дар мавзуи «Проблемаҳои назариявӣ ва амалии низоми судӣ, адолати судӣ, ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, такмили шаклҳои гуногуни мурофиаи судӣ, назорати прокурорӣ, фаъолияти адвокатӣ, таҳқиқи ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷом дода шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тасияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили асоснок, воқеъбинона ва ҳаматарафаи паҳлуҳои назариявӣ, амалӣ ва ташкилию ҳуқуқии интихоб, тайёр намудан, таълим ва такмили ихтисоси судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя, талаботи этикаи касбии судя, таҳлили натиҷа ва хулосаҳо, мафҳумҳо, ақидаҳо ва пешниҳодҳои назариявию амалии муаллиф, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷриба ва қонунгузории миллӣ бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ бо дарёфт ва пешниҳодҳои афзалиятноки муосири усулҳои интихоб, тайёр намудан, таълим ва такмили ихтисоси судяҳо, номзадҳо ба вазифаи судя, коромӯз-судяҳо ва кодекси этикаи касбии судя асос меёбанд. Пешниҳодҳои амалию назариявӣ, асосноккунии илмию хулосабарорӣ далели бебаҳси он аст, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Диссертант муаллифи 8 мақолаи илмӣ мебошад, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Мақолаҳои мазкур ба паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои мавзуи диссертатсия бахшида шудаанд.

**Эродҳо ба мазмуни диссертатсия.**

1. Бо вуҷуди он ки дар диссертатсия фарогири масъалаҳои таҳқиқшаванда дар 30 соли истиқлолияти давлатӣ қайд шудааст ва муҳтавои онро таҳлилу муқоисаҳои ҳуқуқӣ, назариявӣ, амалӣ ва ташкилии асосҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ, байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ дар бар мегирад, мувофиқи мақсад мебуд агар дар кор таҷрибаи даврони Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон оид ба интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо, инчунин танзими ҳуқуқии мавзуи мазкур то андозае низ мавриди таҳқиқ ва қиёс қарор дода мешуд.

2. Дар зербоби якуми боби якуми диссертатсия - “Асосҳои ҳуқуқии интихоб ва тайёр намудани судяҳо: таҳлили санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ” муаллиф аслан ба омузиши таҷрибаи пешқадами як қатор кишварҳои хориҷӣ, аз қабили Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Фаронса, Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон маҳдуд шуда, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Тоҷикистонро бо дигар кишварҳои хориҷӣ мувофиқи мақсад надонистааст. Ҳол он ки бо дарназардошти умумияти зиёди фарҳангӣ ва робитаҳои усутувори ҳамкорӣ доштани Тоҷикистон бо кишварҳои узви ИДМ ва дар як низоми ҳуқуқӣ қарор доштани ин кишварҳо, муаллифро низ зарур буд, ки ба таҷрибаи дигар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, аз қабили Туркманистон, Гурҷистон, Озарбойҷон, Беллоруссия, Украина ва ғ. рӯй оварда, падидаи мазкурро мавриди мавриди баррасӣ ва қиёс қарор медод.

3. Ҳамзамон муаллиф пешниҳод менамояд, ки бо дарназардошти таҷрибаи пешрафтаи Федератсияи Россия ва Қазоқистон барои таъин шудан ба вазифаи судя доштани маълумоти ҳуқуқшиносии зинаи “магистратура” ҳатмӣ дониста шуда, бо ин мазмун ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шавад. Ба назари мо ин пешниҳоди муаллиф низ баҳснок мебошад. Зеро айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи

санадҳои меъёрии ҳуқуқи амалкунанда омода кардани мутахассисони зинаи “магистратура” бештар ҷанбаи илмӣ дорад. Яъне рисолати падидаи магистратура аслан ба омода кардани кадрҳои илмӣ нигаронида шудааст. Оид ба асоснокии пешниҳоди мазкур шарҳу тавзеҳи иловагии муаллифро интизорем.

4. Як бахши аъзами таҳқиқоти диссертатсионио дар боби дуюм масъалаи этикаи касбии судя ташкил дода, дар маҷмуъ дар зербобҳои дахлдори боби мазкур муаллиф масъалаҳои марбут ба - накши меъёрҳои этикаи касбии судя дар раванди интихоб, тайёр намудан ва такмили ихтисоси судяҳо; моҳият ва принсипҳои этикаи байналмилалии судя ва этикаи судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кодексҳои этикаи судяи мамлакатҳои хориҷиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз ин рӯ, муҳаққикро зарур аст, ки масъалаи зарурияти то кадом андоза дар доираи диссертатсия ба роҳ мондани таҳқиқи падидаи этикаи касбии судяро асоснок намояд.

Дар умум, бояд зикр намуд, ки эродҳои пешниҳодшуда дар умум хусусияти мубоҳисавӣ ва илмӣ дошта ба хеҷ ваҷҳ арзиши илмӣ ва мубрамияти мавзуи таҳқиқшавандаро коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмӯъ, ба муҳаққиқ имкон даст додааст, ки бо дастрасӣ ва истифодаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузорӣ ва таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои хориҷӣ, истифодаи адабиётҳои сершумори илмии олмони ватаниву хориҷӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ таҳқиқоти арзишманди илмиро ба анҷом расонад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Завқизода С.А. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои

амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдик менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ дастоварди бевоситаи муаллифи диссертатсия мебошад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Завқизода Солеҳ Амин ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.11 - Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

**Тақриздиҳанда:**
**Муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **А.М. Диноршоҳ**

**Имзои А.М. Диноршоҳро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсус** **С.М. Шариф**

**Суроғаи муқарриз:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003
ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар 35/1
Тел. (+992) 907890207
dinorshoev@gmail.com